# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих)**

Омӯзиши ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон зарурат касб мекунад, чунки вилояти Хатлон барои Тоҷикистон аҳаммияти калони стратегӣ дорад.

Аҳаммияти тадқиқи масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар давраи муосир бо таваҷҷуҳ ба гузариши ҷумҳурӣ ба роҳи иқтисоди бозорӣ хеле афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур барои татбиқи стратегияи иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла барқароркунӣ ва истифодаи нисбатан пурраи воситаҳои нави алоқа, азхудкунии бошиддати технологияҳои нави алоқа дар заминаи дастовардҳои нави илм ва техникаи муосир зарур мебошад.

Мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда боз бо он муайян карда мешавад, ки рушди воситаҳои алоқа дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин менамояд, балки аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дорад. Чунки дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шудаанд.

Аз ин рӯ, хулосаи илмӣ ва баррасии ҳамаҷонибаи таҷрибаи андӯхташуда ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон (солҳои 1924-1991) ва ба таври моҳирона аз онҳо бардоштани дарсҳои лозима, имкон медиҳад, ки дар оянда лаҳзаҳои аз ҳама муфид ва самтҳои он сиёсат мавриди истифода қарор дода шавад.

Омӯзиш ва хулоса кардани таҷрибаи ташакккул ва рушди воситаҳои алоқа мубрам буда, аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Бинобар ин диссертасияи Қурбонов М.М. дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» як пажӯҳиши илмии арзишманд аст. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим будани мавзуи мавриди таҳқикро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазифи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, ҳамчунин ба андозаи зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳамияти назарӣ ва илмии рисоларо ошкор намудааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи бадастомада аз сарчашмаи бойгонӣ ба талаботе, ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми таърих муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи баррасиҳои қиёсӣ мубрам будани мавзуъро дар он муайян кардааст, ки нақши бойгонӣ ва маълумотҳои бойгонии мазкур роҷеъ таърихи воситаҳои алоқаи Тоҷикистон аз мушоҳидоти шахсии муаллиф маншаи асосӣ мегиранд.

Баръало малум мегардад, ки ҳалли муваффақиятомези вазифаи гузошташуда дар назди муаллиф то ҳадди зиёде бо истифодаи моҳиронаи муҳаққиқ аз усулҳои таҳқиқи умумӣ ва хос ба даст омадааст, ки аз ҷумлаи онҳо тахлили маҷмуӣ, таҳлилӣ-сохторӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ ба ҳисоб мераванд.

Арзиши таҳқиқот, ба назари мо, дар он зоҳир мешавад, ки дар илми таърих як таҳқиқоти мустақил ва ҷомеъ анҷом ёфтааст,

Автореферат матолиби рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи

илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихни ватанӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

**Дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ”**
**номзади илмҳои таърих** **Боқиев Рузибек Усмонович**

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
Боқиев Р.У.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо МДТ
“ДДК ба номи А. Рӯдакӣ”: Амиров Ф.
07.09.2025

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16,
МДТ “ДДК ба номи А. Рӯдакӣ”,
тел.: 8(3322) 2-35-06, 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj